## *ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ*

**шурои диссертатсионии 6D. КОА-029 оид ба химояи диссертатсияхо чихати дарёфти дарачаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисосхои 6D020100 – фалсафа ва 6D020600 - диншиносӣ, ки дар назди Донишгохи миллии Точикистон таъсис ёфтааст, доир ба диссертатсияи номзадии Исомадинова Фарзонахон Маҳмудчоновна дар мавзуи "Таъсири технологияҳои иттилоотӣ ба арзишҳои ахлоқӣ: таҳлили иҷтимоӣ – фалсафӣ, ки барои дарёфти дарачаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.11 – фалсафаи иҷтимоӣ (илмҳои фалсафӣ) пешниход шудааст.**

Комиссияи экспертии шӯрои диссертатсионӣ дар ҳайати зерин тасдиқ шудааст:

- доктори илмҳои фалсафа, профессор Солиҷонов Р. (09.00.11 – фалсафаи иҷтимоӣ), раиси комиссия;
- доктори илмҳои фалсафа, профессор Музаффарӣ М. (09.00.11 фалсафаи иҷтимоӣ) аъзо;
- доктори илмҳои фалсафа, профессор Самиев Б. (09.00.03 – таърихи фалсафа)

Диссертатсияи Исомадинова Фарзонахон Маҳмудҷоновна дар мавзуи "Таъсири технологияҳои иттилоотӣ ба арзишҳои ахлоқӣ: таҳлили иҷтимоӣ – фалсафӣ" ба яке аз масъалаҳои муҳими назария ва амалияи ҷомеасозии муосири Тоҷикистон бахшида шудааст.

Ташхиси диссертатсияи Исомадинова Ф. М. нишон дод, ки дар он фарзияи вусъатёбии воридшавии технологияи иттилоотӣ ба таркиби фаъолияти инсон ва таъсири он ба ахлоқи ҷомеа ва шахс ба риштаи таҳлили иҷтимоӣ-фалсафӣ кашида шудааст.

Шиносоӣ аввал ба номи мавзӯъ чунин тасаввуротро ба миён меорад, ки мавзӯи мазкур ба таври кифоя таҳқиқ гаштааст ва доир ба он ягон ақидаи нав баён намудан душвор аст. Аммо ташхиси диссертатсия собит намуд, ки муаллифи он сатҳи омӯзиши мавзуро мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода, ғояҳои дар таҳқиқотҳои пешин матраҳ гаштаро омӯхта, арзишмандии онҳоро муайян намуда, баробари ин доираи муайян намудааст, ки онҳо то ҳол ба таври бояду шояд омӯхта нашудаанд ё андешаҳои баён гашта ба талаботи замон ҷавобгӯ нестанд.

Дар навбати худ, таҳлили ҳаматарафаи сатҳи омӯзиши мавзӯъ ба муаллиф имконият додааст, ки ӯ мақсад ва вазифаҳои таҳқиқоти хешро ба таври мушаххас муайян намояд.

**Объекти таҳқиқот:** технологияи таҳқиқот ва арзишҳои ахлоқӣ

**Предмети таҳқиқот:** ахлоқи иттилоотӣ ва арзишҳои ахлоқии ҷомеаи иттилоотӣ

Азбаски дар диссертатсия проблемаи таъсири технологияҳои иттилоотӣ ба арзишҳои ахлоқӣ бахшида шудааст, муаллиф қабл аз ҳама таъкид менамояд, ки Тоҷикистон дар остонаи бунёди ҷомеаи иттилоотӣ қарор дорад, аз ин сабаб вай ҳамчун арзиши фарҳангӣ падидаи наве буда, барои рушди тамоми сохторҳои ҳаёти ҷамъиятӣ такони ҷиддӣ дод: одамон ба фазои иттилооти глобалӣ роҳ ёфта, имконияти иштирок дар идоракунӣ, роҳҳои ҳалли масоили сарнавиштсози кишвар, ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ғайраро пайдо карда, инчунин муносибатҳои оилавӣ, меҳнатӣ, иҷтимоӣ, иқтисодии одамон ва ғайраро тағйир дод ва ба рӯҳия ва

шуури инсонҳо таъсири хосса расониди истодааст. Дар натиҷаи таҳлилу баррасиҳо, унвонҷӯ муайян намудааст, ки дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон иттилоот, иртибот ва дониш асоси рушди босуръати ҳамаи сохторҳои ҳаёти ҷамъиятиро ташкил дода, ба ҳайси пешгирикунандаи ҳар гуна хатарҳо ва таҳдидҳо маҳсуб меёбад. Баробари ин, ба андешаи муаллифи таҳқиқот саъю талошҳои доимӣ имконият фароҳам оварда наметавонанд, ки дар сатҳи зарурӣ тамоми аъзои қишрҳои аҳолиро новобаста аз минтақаи ҷойгирбуда бо воситаҳои технологӣ таъмин намуда, нобаробариҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, кору фаъолият, қабул ва интиқоли иттилоъро аз байн бурд.

Навгонии муҳими кор аз он иборат аст, ки муаллиф дар он таъсири ҷаҳонишавиро ба ҳаёти иҷтимоӣ-фарҳангии ҷомеаи муосири тоҷик дар шароити ташаккули рушди бисёрқутбаи ҷаҳони муосир мавриди таҳдиду баррасӣ қарор дода, тамоюлоти онро муайн намудааст. Исомадинова Ф.М ҷанбаҳои ҳанӯз таҳқиқ нашудаи мавзуро дарёфт намуда онро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додааст. Аз ҷумла, дар диссертасия зикр гардидааст, ки технологияҳои иттилоотӣ ба таври динамикӣ ва суръати мислаш диданашуда пешрафта, ҳар як зинаи рушду такомули он мушкилоти наверо ба миён оварда истодааст, ки таъсири он ба арзишҳои ахлоқии ҷомеа аз ҷумлаи ин мушкилот маҳсуб меёбад.

Вобаста ба ин, муаллиф дар диссертатсия таъкид намудааст, ки технологияҳои иттилоотӣ ба таври фаъол ба ҳаёти иҷтимоию иқтисодии Тоҷикистон ворид мегарданд. Дар чунин шароит азнавдарккунии масъалаи таъсири технологияҳои иттилоотӣ ба арзишҳои ахлоқӣ зарурияти амалӣ касб намудааст, чунки дар заминаи он омодагии ҷомеа ва шахс барои ҳифзи манфиатҳо ва арзишҳои умумимиллӣ ташаккул меёбад. Аз ин сабаб зарур аст, ки имрӯз маҷмӯи арзишҳои аслии иҷтимоию ахлоқӣ, сиёсию ҳуқуқӣ, ки дар рушди иқтисодӣ ва маънавии ҷомеа дар раванди бунёди ҷомеаи иттилоотӣ ҳифз ва ғанӣ гардонида шаванд.

Ташхиси экспертӣ собит намуд, ки муаллифи диссертатсия ҷараёни таҳаввулоти заминаҳои назариявию иҷтимоии мавзуи технологияҳои иттилоотиро дар консепсияҳои муосири фалсафӣ омӯхта, онро ба амалияи имруза ҷомеа вобаста намудааст. Дар ин росто, муайян карда шудааст, ки ин раванд хислати дуҷанбагӣ дорад. Аз як тараф, технологияҳои компютерӣ ва иттилоотӣ ба сарфаи вақт, васеъ гаштани имконияти робитаву муошерати одамон, барои тарҳрезӣ ва идоракунии ҷараёнҳои воқеияти сифатан нав ва мутобиқгардонии онҳоро ба манфиати худашон истифода мебаранд, мусоидат намояд, аз тарафи дигар – ба ташаккул ва такомули тасаввуроти инсон оид ба ҳастӣ ва худи ӯ таъсир мерасонад. Моҳияту зуҳурот, сабабу оқибати ин раваанди мураккабро тахлил намуда, муаллифи диссертатсия муайян намудааст, ки маҳз дар ҳамин алоқаманди муаммои баланд бардоштани фарҳанги иттилоотӣ ва дар заминаи он ташаккул додани ахлоқи иттилоотӣ ба миён меояд.

Муаллифи диссертатсия муайян кардааст, ки агар пештар ахлоқи ҷомеа ва шахс зери таъсири ҳастии иҷтимоии айни ташаккул ёбад, акнун дар шароити бунёди ҷомеаи иттилоотӣ, ки технологияҳои иттилоотӣ аз имконият ба воқеият табдил ёфтааст, ахлоқи ҷомеа зери таъсири фазои маҷозӣ низ ташаккул меёбад, ба ташаккули ахлоқ таъсири бевосита мерасонанд. Технологияҳои иттилоотӣ маҳсули шуур ва зеҳни инсон аст, вале он акнун ба воқеият табдил ёфта, ба раванди ташаккули ахлоқи инсон ҳам таъсири мусбат ва ҳам манфӣ расонида истодааст.

Таҳлил ин ҳолат ба диссертант имконият додааст муайян намояд, ки фардҳои алоҳида, хусусан аз ҷумлаи ҷавонон, аз имкониятҳои технологияҳои компютерӣ – иттилоотӣ на фақат ҳамчун як манбаи бузурги дониш, иттилоот ва имкони такомули ҷаҳонбинию зеҳни худ истифода менамоянд, балки аз он ҳамчун воситаи дастрас намудани саҳнаҳои фаҳш, иттилооти бардурӯғ ва ҳангоматалаб истифода мебаранд, ки ин амал боиси мушкилоти ахлоқиро эҷод мекунанд. Чунин мушкилот намоянлагони соҳаҳои гуногуни илм, аз он ҷумла фалсафаи иҷтимоиро ба он водор мекунанд, ки таъсири технологияи иттиллоотиро ба ахлоқ ба таври дақиқтар баррасӣ ва таҳия намояд.

Диссертант барҳақ таъкид намудааст, ки солҳои сипаригашта оид ба таъсири технологияҳои иттилоотӣ ба ташаккули шахсият, косташавии баъзе унсурҳои ахлоқ дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон якчанд тадқиқотҳо ба анҷом расонида шудаанд. Бо назардошти натиҷаҳои дар ин тадқиқотҳо ба дастомада, муаллиф дар раванди ковишҳои илмӣ ба хулоса омадааст, ки таъсири технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ ба ахлоқ дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон дар бегонашави аз арзишҳои иҷтимоӣ-фарҳангии ҷомеаи суннатии Тоҷикистонӣ дар шакли костагии ахлоқ, маънавият, интихоби арзишҳо, каҷрафторӣ, сухангӯӣ, тарзи либоспӯшӣ, рафтору кирдор, хоса дар байни ҷавонон, зоҳир мешавад.

Яке аз самтҳои муҳими диссертатсияи Исомадинова Ф.М. дар он аст, ки ӯ на фақат таъсири технологияҳои иттилоотиро ба арзишҳои ахлоқӣ муайян намояд, балки кӯшиш намудааст, ки тамоюлҳои онро дар шароити ҷаҳонишавии арзишҳои иҷтимоию ахлоқӣ баррасӣ намояд. Муаллифи диссертатсия дуруст таъкид намудааст, ки дар раванди ҷаҳонишавӣ, амалигардонии сиёсати геостратегӣ ва геофарҳангӣ абарқудратҳо ба фазои иҷтимоӣ-фарҳангии минтақаҳои гуногуни олам арзишҳои барои ҷомеаҳои суннатӣ бегона ворид гашта, барои рушди муназзами онҳо хатару таҳдидҳо эҷод менамояд. Ҳақ бар ҷониби унвонҷӯ аст, ки ин раванд дар ҳаёти иҷтимоӣ-фарҳангии ҷомеаи тоҷик низ бараъло ба назар мерасад. Ба андешаи мо, муайян намудани ин падидаҳои номатлуби хатарзой вазифа ва ҳадафи асосии пажӯҳиши муҳаққиқ буда, ташхиси диссертатсия шаҳодат медиҳад, ки ӯ аз ӯҳдаи ин кор баромада тавонистааст.

Муаллиф дар диссертатсия муҳтавои таъсири ҷаҳонишавиро ба ҳаёти иҷтимоӣ-фарҳангӣ дар он муайян менамояд, ки аз як тараф, афзоиши босуръати алоқамандии иттилоотиву иҷтимоӣ-фарҳангии ҷомеаи ҷаҳонӣ бархурд ва муколамаи арзишҳои иҷтимоӣ-фарҳангиро афзоиш диҳад, аз тарафи дигар, зери таъсири ғасби тавоноӣ фарҳангу иттилоотии Ғарб фарҳангҳои суннатии миллии кишварҳои сусттараққикарда имкони маҳв шуданро дорад.

Дар ин робита бояд зикр кард, ки фарқи умдаи диссертатсияи Исомадинова Ф.М. дар он аст, ки ӯ аз сарчашмаҳои муътамади хориҷиву ватани истифода намуда, таърихи таҳаввули чунин мафҳумҳо ба мисли “ахлоқи иттилоотӣ” ва “фарҳанги иттилоотӣ”- ро омӯхта, умумияту фарқият ва ҷойгоҳи онҳоро дар муносибатҳои ахлоқӣ муайян намудааст. Ӯ дар таҳқиқоташ таъкид менамояд, ки имрӯз, аз бисёр ҷиҳат, рафтори инсон аз восита ва таҷҳизоти техникӣ, чун компютер, шабакаҳои гуногуни интернетӣ, инчунин аз ангезаҳои мухталифи иҷтимоӣ ва равонӣ (психикӣ) ва ғайра вобастагии зиёд дорад.

Ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун арзиши фарҳангӣ падидаи наве буда, барои рушди тамоми сохторҳои ҳаёти ҷамъиятӣ такони ҷиддӣ дод: одамон ба фазои иттилооти глобалӣ роҳ ёфта, имконияти иштирок дар идоракунӣ, роҳҳои ҳалли масоили сарнавиштсози кишвар, ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ғайраро пайдо карда, инчунин муносибатҳои оилавӣ, меҳнатӣ, иҷтимоӣ, иқтисодии одамон ва ғайраро тағйир дод ва ба рӯҳия ва шуури инсонҳо таъсири хосса расонид. Дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон иттилоот, иртибот ва дониш асоси рушди босуръати ҳамаи сохторҳои ҳаёти ҷамъиятиро ташкил дода, ба ҳайси пешгирикунандаи ҳар гуна хатарҳо ва таҳдидҳо буда метавонад: баррасӣ ва ҳаллу фасли масоили сиёсӣ-иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ натиҷаи тақвият ёфтани фазои технологӣ-иттилоотӣ ба ҳисоб меравад. Аммо саъю талошҳои доимӣ имконият фароҳам оварда наметавонанд, ки дар сатҳи зарурӣ тамоми аъзои қишрҳои аҳолиро новобаста аз минтақаи ҷойгирбуда бо воситаҳои технологӣ таъмин намуда, нобаробариҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, кору фаъолият, қабул ва интиқоли иттилоотро аз байн бурд.

Олами муосир хеле босуръат тағйир ёфтаву пеш меравад. Маълумоту иттилооти зиёде, ки оид ба ҳодисаву равандҳои имрӯза ба инсон мерасад, ҳолати рӯйоварии ӯро ба арзишоти мушаххас нисбатан мураккаб мегардонад. Мушкилот дар он аст, ки инсон қобилияти равонӣ ва ҷисмонии қабул ва таҳаммули ин миқдор иттилооти зиёдро надорад. Аз ин ҷост, ки аксар одамон ба асабоният, афсурдахотирӣ, маъюсию ноумедӣ ва дигар ҳолатҳои бади равонию ахлоқӣ гирифтор мешаванд.

Дар хулосаи диссертатсия таъкид гардидааст, ки дар низоми ҷомеадории имрӯза сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ, дараҷаи пешрафти ҳар як кишвар, дараҷаи рушди маърифати техникии шаҳрвандон аз сатҳи иттилоотикунонӣ ва дар маҷмуъ аз таъмин будан бо воситаҳои навини техникӣ ва технологияи муосир муайян карда мешавад. Зеро чун дигар равияҳои рушди илмӣ-техникӣ, технологияи нави муосир, иттилоотикунонии ҷомеа таъсири хоса ба тарафҳои гуногуни ҳаётӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва иқтисодии одамон расонида, ба ҳаёти рӯзмарраи онҳо таҳаввулот ворид менамояд. Шуур, фаҳмиш ва тасаввуроти одамонро дигаргун мекунад. Бавижа, тавассути иттилоотикунонӣ ҳар як инсон ба фазои иттилооти глобалӣ роҳ ёфта, имконияти иштирок дар идоракунӣ, нишон додани роҳҳои ҳалли масоили сарнавиштсози кишвар, ташаккули ҷомеаи шаҳрвандиро пайдо мекунад. Иттилоотикунонӣ имконият медиҳад, ки робита дар байни аҳолии қишрҳои гуногун, сохторҳои давлатӣ, ниҳодҳои гуногуни ҷомеаи шаҳрвандӣ мустаҳкам гардида, маълумот сариваќт ҷустуҷӯ, коркард, интиқол ва қабул карда шавад.

Дар ин робита дар диссертатсия дуруст муайян карда шудааст, ки муколамаи фарҳангҳо – ин воситаи ҷалби намояндагони тамаддунҳо ба баҳс, табодули назар, ҳаллу фасли масоили мухталиф, тарғиб ва ҳифзи арзишҳои моддию маънавӣ ҷиҳати бақои миллатҳо тавассути риояи фарҳанги таҳаммулгароӣ, эҳтироми якдигар ва даъват ба ҳамдилию ҳамзистӣ аст.

Аз ташхиси рисолаи мазкур бармеояд, ки муаллиф дар самти таҳқиқи масоили фалсафаи иҷтимоӣ кори муайян ва шоистаи дастгириро анҷом додааст. Маъхазҳои истифода намудаи ӯ аз сарчашмаҳои аввал ва мӯътабари илмӣ аст, ки ин аз мавҷудияти қобилияти мустақилона пеш бурдани корҳои илмӣ аз ҷониби ӯ гувоҳ медиҳад. Муаллиф вобаста ба мавзуи кори илмияш мақолаҳо дар маҷаллаҳо интишор дода, дар конференсияҳои илмӣ баромаду гузоришҳо кардааст.

Мақсад ва вазифаҳои кори таҳқиқотӣ ба талаботи меъёрҳои муқарраршуда мувофиқ буда, ҳамоҳанг бо қисмати навгониҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда мебошанд.

Ҷанбаи назариявию амалӣ ва навоварии кор дар он зоҳир мегардад, ки муҳаққиқ тавонистааст, ки заминаҳои назариявию иҷтимоӣ ва аксиологии мавзуро дар асоси таҷрибаи Тоҷикистон омӯхта мушкилиҳо, хавфу хатари онро муайян намуда, роҳҳои пешгирии онро пешниҳод карда тавонистааст.

Тадқиқот дар васеътар шудани фаҳмишҳои проблемаҳои фалсафӣ, махсусан дар самти дарки амиқтари алоқамандии технологияҳои иттилоотӣ ва арзишҳои ахлоқӣ дорои аҳамияти баланди илмӣ -назариявӣ мебошанд.

**Навгонии илмии таҳқиқот ба таври мушаххас дар чунин натиҷаҳо инъикос ёфтааст:**

- дар доираи фазои илмӣ-таҳқиқотии Тоҷикистон масъалаи ахлоқи иттилотӣ-компютерӣ ба таври муназзам ва мушаххас бори нахуст мавриди таҳлил қарор гирифтааст, ки дар раванди он заминаҳои назариявӣ, сиёсӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии ахлоқи иттилоотӣ муқаррар гардиданд;
- асосҳои фалсафии мушкилоти ахлоқӣ ва амнияти иттилоотӣ ба низом даровarда мешавад;
- аҳамияти ахлоқи иттилоотӣ барои боздошти таъсири манфии истифода аз технологияи иттилоотӣ, хатарҳо ва таҳдидҳои дар низоми иттилоотӣ тавлидшуда, асоснок карда мешавад;
- дар мисоли муҳити иттилоотии Тоҷикистон таъкид карда мешавад, ки амнияти иттилоотии шахс аз нуқтаи назари башардӯстона баррасӣ шуда, барои фаҳмиш, таҳқиқ ва таъмини башардӯстӣ зарур аст, ки мувозинати манфиатҳои иттилоотии шахс, аз як тараф ва манфиатҳои иттилоотии давлат ва ҷомеа, аз тарафи дигар, ба мувофиқат ва мувозинат оварда шаванд;
- нахустин маротиба консепсияи фалсафӣ-иҷтимоии таҳаввулоти робитаҳо ва муносибатҳои сиёсӣ-иҷтимоӣ дар давлат ва ҷомеаи Тоҷикситон ва таъсири он ба ахлоқи шаҳрвандони он, ки бар пояи он таҳаввулоти арзишҳои инсонӣ дар муҳити иттилоотии Тоҷикистон сурат мегиранд, мавриди баррасӣ ва таҳлил қарор гирифтааст.

Ташхис собит намуд, мундарича, мақсад ва навгониҳои диссертасия ба ҳам мутобиқ мебошанд.

Ба андешаи аъзоёни комиссияи ташхисӣ аҳамияти назариявӣ ва илмию амалии таҳқикот дар он ифода меёбад, ки омӯзиши масъалаҳое, ки дар диссертатсия матраҳ шудаанд, барои ташаккул ёфтани маърифат ва идроки арзишҳои ҷомеаи умумиҷаҳонӣ ва ҷомеаи Тоҷикистон мусоидат мекунад. Таҳлили консептуалии ҷанбаҳои ахлоқии истифодаи бехатар аз технологияҳои иттилоотӣ метавонад ҳангоми таҳияи барномаҳои татбиқи сиёсати давлатӣ дар бораи амнияти технологияи иттилоотӣ ва ахлоқи иттилоотӣ истифода шавад. Натиҷаҳои тадқиқот ҳамчун саҳми назариявӣ дар корбаст ва таҳлили мушкилоти амнияти иттилоотӣ маҳсуб ёфта метавонад. Натиҷаҳои тадқиқот, инчунин тасаввуротро дар бораи муҳтавои падидаи амнияти иттилоотӣ тавсиа дода, ақидаҳои илмиро дар бораи иқтидори арзишии ҷомеаи ташаккулёбанда мушаххас мекунанд ва барои дарки амиқтари асосҳои дигаргунсозии иҷтимоию фарҳангии ҷомеаи муосир ва дурнамоҳои рушди он мусоидат мекунанд.

Ташхиси экспертӣ нишон дод, ки асоси методологии таҳқиқотро усулҳои низомнокӣ, диалектикӣ тавсифӣ, иҷтимоӣ-фалсафӣ, муқоисавӣ ва ахлоқӣ ташкил додаанд. Усули диалектикӣ барои муайян кардани номутобиқатии дилеммаҳои ахлоқӣ, таҳлили шаклҳои танзими ахлоқ дар шароити технологияи иттилоотӣ, усули низомнокӣ дар таҳлили ахлоқи иттилоотӣ дар ҷомеаи иттилоотӣ, усули муқоисавӣ ҳангоми таҳлили арзишҳои ахлоқии ҷомеаи Тоҷикистон бо арзишҳои ахлоқии умумибашарӣ истифода шудаанд. Усули муқоисавӣ ҳамчунин барои муайян намудани заминаҳо ва нақши аксиологии ҷомеаи иттилоотӣ дар таносуб бо ахлоқи иҷтимоӣ ба кор меравад.

Андешаҳо ва хулосаҳое, ки дар кори таҳқиқотӣ вуҷуд доранд, барои таҳқиқоти минбаъдаи ин масъала дар фалсафаи иҷтимоӣ замина гузоранд.

Натиҷаҳои бадастоварда ва хулосаҳои ҷамъбастшудаи диссертатсияро метавон минбаъд барои иҷрои таҳқиқоти илмӣ дар соҳаи фалсафаи иҷтимоӣ, ҷомеашиносӣ, сиёсатшиносӣ ва фарҳангшиносӣ, инчунин, ҳангоми таҳия кардани дастурҳои таълимӣ-методӣ, тавсияҳои илмӣ-методӣ ва курси мухтасари лексияҳо оид ба масъалаҳои муосири илмҳои иҷтимоӣ мавриди истифодабарӣ қарор дод.

Ҳамин тариқ, Исомадинова Ф.М. аз ӯҳдаи вазифаҳои гузошташуда баромада тавонистааст ва диссертатсияи ӯ таҳқиқоти ба охир расида, дорои навгонии илмӣ буда, аз аҳамияти назариявӣ ва амалӣ холӣ нест.

**Дар натиҷа ҳайти комиссияи ташхиси ба чунин хулоса омад:**

Рисолаи таҳқиқшуда дар мавзуи “Таъсири технологияҳои иттилоотӣ ба арзишҳои ахлоқӣ: таҳлили иҷтимоӣ – фалсафӣ” , ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.11 – фалсафаи иҷтимоӣ (илмҳои фалсафӣ) ба рамзи ихтисоси фалсафаи иҷтимоӣ мувофиқ буда, яке аз масъалаҳои меҳварии он ба ҳисоб меравад;

1. Диссертатсия ба ихтисоси 09.00.11-фалсафаи иҷтимоӣ мувофиқат мекунад.
2. Мазмуни автореферат ба мазмуни рисола мувофиқат менамояд.
3. Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсия, хулоса ва тавсияҳои Исомадинова Ф.М. дар 4 мақолаи илмӣ, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудаанд, ба чоп расонида шудаанд;
4. Дар рисола натиҷаи таҳқиқоти илмӣ ва нишондиҳандаҳои амалӣ истифода шудааст
5. Пешниҳод карда мешавад, ки оид ба диссертатсияи Исомадинова Ф.М ба сифати муассисаи пешбар Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон таъйин карда шавад.
6. Пешниҳод карда мешавад, ки ба ҳайси муқарризони расмӣ ба диссертатсияи Исомадинова Ф.М. мутахассисони зерин таъйин карда шаванд:

– Ҳайдаров Рустам Ҷурабоевич, доктори илмҳои фалсафа, сарходими илмии Шуъбаи фалсафаи иҷтимоии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи илмҳои Тоҷикистон.

– Раҳматов Убайдулло Нематович, номзади илмҳои фалсафа, дотсент, мудири кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур.

7. Барои ворид намудани автореферати диссертатсия ва эълони ҳимоя дар сомонаи ДМТ ва КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.
8. Барои чоп намудани автореферати диссертатсия иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
Доктори илмҳои фалсафа,
профессор /____________/ Солиҷонов Р.
**Аъзоёни комиссия:**
Доктори илмҳои фалсафа,
профессор /____________/ Музафарӣ М.
доктори илмҳои фалсафа,
профессор /____________/ Самиев Б

28.03.2023